Бо фармоиши Вазири
маорифи Ҷумҳурии
Тоҷикистон
аз «11» «05» соли 2010,
№268 тасдиқ шудааст.

# Тартиби
# гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ ва таҷрибаи истеҳсолӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд тартиб) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ бахшида шудаанд, таҳия шудааст.

1) Санади мазкур тартиби ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ ва таҷрибаи истеҳсолии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро, ки барномаҳои асосии таълимии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро аз худ кардаанд, муайян менамояд.

Тартиби мазкур дар тамоми муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимӣ ва касбии таҳсилоти ибтидоии касбиро дар асоси стандартҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ амалӣ менамоянд, амалӣ карда мешавад.

2) Шаклҳои таҷрибаомӯзӣ:

а) таҷрибаомӯзии таълимӣ (таълими истеҳсолӣ);

б) таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ.

3) Барномаҳои таҷрибаомӯзӣ қисмати таркибии барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ба шумор мераванд.

4) Мақсади таҷрибаомӯзӣ:

- ба даст овардани малакаю маҳорати касбӣ;

- аз худ намудани маҷмӯи тамоми шаклҳои фаъолияти касбӣ аз рӯйи ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ;

- ташаккул ва инкишофи касб;

- ба даст овардани таҷрибаи корӣ дар асоси таълимоти касбӣ.

5) Вазифаҳои таҷрибаомӯзӣ:

- дар доираи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ ташаккул додани малака ва таҷрибаи аввалиндараҷаи касбии хонандагон;

- омӯзиши фаъолияти меҳнатӣ;

- аз худ кардани малака, маҳорат ва мутобиқати дониши назариявӣ бо фаъолияти касбӣ ва касби интихобшуда дар ҷараёни кор;

6) Вазифаҳои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ:

- мукаммал ва мустаҳкам намудани малакаи касбии дар раванди таълим азхуднамуда ва мутобиқат ба касби интихобшуда;

- ташаккули фаъолияти умумӣ ва касбӣ;

- аз худ намудани дастовардҳои замонавии истеҳсолот;

- мутобиқгардонии таълимгирандагон ба шароити амиқи фаъолият.

Мазмуни таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи талабот ба натиҷаи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар асоси стандартҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, барномаҳои кории таҷрибаомӯзӣ, ки аз ҷониби мақомоти ҷумҳуриявии идораи маориф таҳия ва тасдиқ карда мешаванд, муқаррар карда мешавад.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ аз рӯйи қоида дар устохона, лаборатория, машқгоҳ, хоҷагиҳои таълимӣ ва дигар сохторҳои муассисаҳои таълимӣ гузаронида мешавад.

Таҷрибаомӯзии таълимиро инчунин дар асоси шартномаҳои муассисаи таълимӣ ва ин ё он ташкилот гузаронидан мумкин аст.

Таҷрибаомӯзии таълимӣ аз ҷониби устоҳои таълими истеҳсолӣ ё омӯзгорони касбӣ гузаронида мешавад.

Таҷрибаомӯзии таълимии таълимгирандагон дар соли якуми таълим ва солҳои минбаъда дар асоси шартномаи байни муассисаи таълимӣ ва корхона ё ташкилоте, ки таълимгирандагон ба он ҷо мераванд, гузаронида мешавад.

Таълимгирандагон дар вазифаҳои вакантие, ки ба талаботи барномавии таҷрибаи истеҳсолӣ ҷавобгӯянд, номнавис мешаванд.

Мӯҳлати гузаронидани таҷрибаомӯзӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ бо назардошти нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ муқаррар карда мешавад.

Таҷрибаомӯзӣ мунтазам, инчунин ба таври ҷойивазкунии дарсҳои назариявӣ бо таҷриба дар рӯзҳо (ҳафтаҳо)-и муайян дар шароити таъмин намудани алоқамандии байни натиҷаи таълим бо таҷрибаомӯзӣ дар доираи модулҳои барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ таъмин карда мешавад.

Дар ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ иштирок мекунанд:

муассисаҳои таълимӣ;

корхона ва ё ташкилотҳо.

7) Муассисаҳои таълимӣ вазифадоранд:

- дар нақшаи таълимӣ тамоми намудҳои таҷрибаомӯзии ҷавобгӯйи талаботи барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро бо назардошти шартнома бо ташкилотҳо ба нақша гирифта, тасдиқ намоянд;
- барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ шартнома банданд;
- якҷоя бо корхона ва ташкилотҳо ҷойи таҷрибаомӯзиро муқаррар намоянд;
- натиҷаи таҷрибаомӯзиро бо талаботҳои барнома мувофиқат менамоянд;
- роҳбарии таҷрибаомӯзиро таъмин намоянд;
- амалӣ шудани барнома ва шароити гузаронидани таҷрибаомӯзӣ, аз он ҷумла талаботи ҳифзи ҳаёт ва меҳнат,

бехатарӣ аз сӯхторро бо назардошти қоида ва меъёрҳои соҳавӣ назорат кунанд;

- ба фаъолияти умумӣ ва касбии дар давоми таҷрибаомӯзӣ азхуднамудаи таълимгирандагон баҳо диҳанд;

-дар сурати набудани шароити гузаронидани таҷрибаомӯзӣ дар корхона ва ташкилотҳои истеҳсолӣ, гузаронидани таҷрибаомӯзиро дар устохонаҳои таълимии худи муассисаи таълимӣ ташкил намоянд.

8) Ташкилот ва корхонаҳо вазифадоранд:

- барои ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзӣ бо муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ шартнома банданд;
- барнома ва вазифаҳои таҷрибаомӯзиро бо натиҷаи он мувофиқат кунонанд;
- дар ташаккулёбӣ ва нархгузории маводи таҷрибавӣ, баҳогузории умумӣ ва кордонии касбии таълимгирандагон, ки дар вақти таҷрибаомӯзӣ аз худ намудаанд, иштирок кунанд;
- оид ба гузаштани таҷрибаомӯзии таълимгирандагон фармон бароранд;
- таҷрибаомӯзонро бо ҷойҳои корӣ таъмин намоянд;
- роҳбарони таҷрибаомӯзиро таъйин кунанд;
- устоҳои таълимиро муайян кунанд;
- шароити бехатарии таҷрибаомӯзии таълимгирандагонро таъмин намоянд;
- таълимгирандагонро бо талаботҳои ҳифзи ҳаёт, меҳнат ва қоидаҳои зидди сӯхтор шинос кунанд.

9)Таълимгирандагоне, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро аз худ намудаанд, ҳангоми гузаштани таҷрибаомӯзӣ дар ин ё он ташкилот вазифадоранд:

- вазифаҳои дар барномаи таҷрибаомӯзӣ дарҷгардидаро пурра иҷро намоянд;
- қоидаҳои меҳнатии амалкунандаи корхона ва ё ташкилотро риоя кунанд;
- талаботи ҳифзи меҳнат, бехатарии ҳаёт ва қоидаҳои зиддисӯхторро қатъӣ риоя намоянд.

10) Ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзиро роҳбарияти муассисаи таълимӣ ва корхона ё ташкилот ба ӯҳда доранд.

Роҳбарии умумӣ ва назорати таҷрибаомӯзиро аз ҷониби муассисаи таълимӣ ҷонишини директор оид ба таълим ва корҳои истеҳсолӣ амалӣ менамояд. Роҳбарии бевоситаи таҷрибаомӯзии гурӯҳи таълимиро устои таълими истеҳсолӣ амалӣ месозад.

11) Дар вақти гузаштани таҷрибаомӯзӣ аз рӯзи ба қайд гирифтани таълимгирандагон барои онҳо талаботҳои ҳифзи меҳнат ва қоидаҳои тартиботи дохилимеҳнатии корхона ва ё ташкилот, инчунин қонунгузории меҳнатӣ, аз он ҷумла суғуртаи иҷтимоии давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

12)Натиҷаҳои таҷрибаомӯзӣ аз рӯйи барномаҳои муштараки таҷрибаомӯзии муассисаи таълимӣ ва корхона муайян карда мешаванд.

13) Таҷрибаомӯзӣ бо баҳогузорӣ ва ё супоридани санҷиш аз ҷониби таълимгирандагон, ки кордонии умумӣ ва касбиро аз худ кардаанд, анҷом меёбад. Дар анҷоми таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ таълимгирандагон кори амалиро аз рӯйи ихтисоси ба дастоварда иҷро менамоянд.

Натиҷаи таҷрибаи гузаронидаи таълимгирандагон ба муассисаи таълимӣ дастрас карда мешавад ва дар вақти аттестатсияи ҷамъбастӣ ба назар гирифта мешавад.

14) Маблағи пардохти таҷрибаомӯзии таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шартномаи байни муассисаи таълимӣ бо корхона ва ё ташкилот муқаррар карда мешавад.

15) Мақомотҳои соҳавии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар тобеияти худ муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ доранд, бо назардошти махсусияти соҳаҳо метавонанд дар асоси тартиби мазкур оид ба ташкил ва гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимгирандагоне, ки барномаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиро аз худ кардаанд, тавсиянома таҳия намоянд.